# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №________
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 15 апрели соли 2025, таҳти №80

Бораи сазовор донистани Анушервони Исрофил, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзуи: «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар таърихи 11 феврали соли 2025, суратмаҷлиси №74 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Анушервони Исрофил 12 - уми августи соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2011 ба шуъбаи рузонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дохил шуда, муассисаи таълимии мазкурро соли 2016 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Аз соли 2017 то 2020 дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси сармутахассиси шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавӣ фаъолият намуда, аз соли 2020 то ҳол дар Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»» ба ҳайси ҳуқуқшиноси асосии идораи ҳуқуқ фаъолият менамояд ва аз соли 2019 то инҷониб унвонҷӯйи шуъбаи хусусии Институтси фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи диссертатсия** – «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» бо Қарори Шурои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 29-уми марти соли 2019, №3 тасдиқ шудааст. Диссертатсияи унвонҷӯй дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи

байналмилалии хусусӣ дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст. Диссертатсияи унвонҷӯй дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳимоя тавсия дода шудааст (аз санаи 10-юми январи соли 2025, суратмаҷлиси №1).

**Роҳбари илмӣ: Раҳимзода Маҳмад Забир -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобаста Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Ҳамроев Шуҳрат Садирович –** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон тақризи мусбат додааст;

– **Бобозода Ҷамрод Қурбон -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тақризи мусбат додааст.

– **Муассисаи пешбар:** «Муассисаи давлатии “Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон”» (ш. Душанбе). Дар маҷмуъ тақризи муассисаи пешбар мусбат мебошад. Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Нодиров Ф.М., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи донишгоҳи мазкур (ихтисос: 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семнари васеи илмӣ-назариявӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Меликов У.А. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Сафаров И.Д. имзо ва аз ҷониби Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Асрорзода У.С. санаи 14.03.2025 сол тасдиқ шудааст, қайд мегардад, ки рисолаи Анушервони Исрофил доир ба мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ,

ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва инчунин тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 5 васоити таълимӣ, 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷу аз руйи мавзуи диссертатсия:**
**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

**[1–М].** Анушервони И. Одатҳои муомилоти гражданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / И. Анушервони // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқӣ Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. – 2018. - №3 (27). – С. 87-90. ISSN 2305-0535.

**[2–М].** Анушервони И. Обычаи в гражданском обороте: постановка проблемы. [Текст] / Анушервони И. // Журнал «Правовая жизнь» Юридисеский факультет Таджикского национального университета. – 2018. – №4 (24) – С. 260-271. ISSN 2307 – 5198.

**[3–М].** Анушервони И. Правовая природа и понятие обычаев в современном гражданском обороте. [Текст] / Анушервони И. // Журнал «Правовая жизнь» Юридисеский факультет Таджикского национального университета. – 2019. – №1 (26) – С. 188-203. ISSN 2307 – 5198.

**[4–М].** Анушервони И. Правовая система Республики Таджикистан в годы государственной независимости. [Текст] / Анушервони И., И.Х. Бободжонзода // Журнал «Правовая жизнь» Юридисеский факультет Таджикского национального университета. – 2019. №1 (27). – С. 21-39. ISSN 2307 – 5198.

**[5–М].** Анушервони И. Роль обычаев в регулировании имущественных отношений. [Текст] / Анушервони И. // Научно-информационный журнал

«Правовая жизнь» Юридисеский факультет Таджикского национального университета. – 2020. – №2 (30). – С. 236-246. ISSN 2307 – 5198.

**[6–М].** Анушервони И., Нуров Х.П. Историко – правовые основы развития правоотношений в сфере научно-технической деятельности в современном Таджикистане. [Текст] / Анушервони И., Х.П. Нуров // Журнал «Законодательства» Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан – 2018. –№3 (31). – С. 26-30. ISSN 2410-2903.

**[7–М].** Анушервони И. Проблемаи татбиқи одатҳои ҳуқуқӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ: таҳлили назариявӣ ҳуқуқӣ. [Матн] / Анушервони И. М.З. Раҳимзода, // Маҷалаи илмӣ-амалӣ Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №4 (28). – С.123-137. ISSN 2414 9217.

## II. Васоити таълимӣ:

**[8–М].** Анушервони И., Раҳимзода М.З., Маҳмадшоев Ф.А., Нуров Ҳ.П., Ромиз Ҷ., Саидзода М.Ш., Ҳамроқулзода Б.А. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳоҷират” [Матн] / Анушервони И., М.З. Раҳимзода, Ф.А., Маҳмадшоев, Ҳ.П. Нуров, Ромиз Ҷ., М.Ш. Саидзода, Б.А. Ҳамроқулзода. Зери тахрири Узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, Раҳимзода Маҳмад Забир.- Душанбе: МДМТ. – 2017. – С.65-79, 97-98. ISBN 978-99975-985-5-4.

**[9–М].** Анушервони И., Бобоҷонзода И.Ҳ. Саидзода М.Ш., Ҳамроқулзода Б.А. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак” [Матн] / Анушервони И., И.Ҳ. Бобоҷонзода, М.Ш. Саидзода, Б.А. Ҳамроқулзода. Зери таҳрири Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шермуҳммад Шоҳиён, - Душанбе: ЭР-граф. – 300 саҳ. ISBN 978-99975-50-70-5

**[10–М].** Анушервони И., Маҳмадшозода Ф.А., Исмоилова М.И., Назаров Д.Д., Меликов У.А., Зарифов У. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» [Матн] / Анушервони И., Ф.А. Маҳмадшозода, М.И. Исмоилова, Д.Д. Назаров, У.А. Меликов, У.Зарифов. Зери назари Муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Маҳмадшозода Ф.– Душанбе: ЭР-граф. – 2020. – С.67–77, 125-146. ISBN 978-99975-50-70-5.

**[11–М].** Анушервони И., Саидзода И.Ҳ., Бахриддинзода С. Э., Маҳмадшозода Ф. А., Бобокалонов Ғ. М., Пулатов А. С., Табаров Н.,

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Идизода Ф. Ф. – Душанбе: Нашриёти “Сино”. – 2018. – 186 саҳ. – С. 118-122. ISBN 978-99975-985-5-4.

**[17–М].** Анушервони И. Проблемы применения обычаев в гражданском обороте. [Текст] / Анушервони И. / Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития: материалы VII международной научно-практической конференции, посвященной 25- летию Конституции Республики Таджикистан –Душанбе: РТСУ. – 2019. – 630 с. – С. 230-235. УДК 340.

**[18–М].** Анушервони И., Шамсиддинзода И.Б. Ҳуқуқи кӯдак ба изҳори фикри худ [Матн] / Анушервони И., И.Б. Шамсиддинзода // Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №4 (40). – С. 48-52. ISSN 2410-2903.

**[19–М].** Анушервони И. Масъалаҳои назариявии татбиқӣ одатҳо ҳангоми танзими муносибатҳои гражданӣ. [Матн] / Анушервони И. // Самаранокии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ. (ш. Душанбе, 14 июни 2022) // Зери таҳрири академик Фарҳод Раҳимӣ Президенти академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – Душанбе: Дониш, 2022. – 342 с. – С. 272-287.

**[20–М].** Анушервони И. Бобоҷонзода И.Ҳ., Одатҳо ҳамчун шакли ҳуқуқ: таҳлили назариявӣ ҳуқуқӣ. [Матн] / Анушервони И., И.Ҳ. Бобоҷонзода // Асосҳои назариявӣ-меъёрии татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / коллективи муаллифон; зери таҳрири д.и.ҳ., профессор И.Ҳ. Бобоҷонзода ва д.и.ҳ., профессор А.Р. Нематов. –Душанбе: МН «Дониш», 2023. – 380 с.

**[21–М].** Анушервони И. Проблемаҳои эътирофи одатҳо хамчун шакли ҳуқуқ дар фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ. [Матн] / Анушервони И., И.Ҳ. Бобоҷонзода // Асосҳои назариявӣ-меъёрии татбиқи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / коллективи муаллифон; зери таҳрири д.и.ҳ., профессор И.Ҳ. Бобоҷонзода ва д.и.ҳ., профессор А.Р. Нематов. – Душанбе: МН «Дониш», 2023. – 380 с.

**[22–М].** Анушервони И. Татбиқи одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои маданӣ. [Матн] / Анушервони И. //Ҳифзи Истиқлоли давлатӣ дар раванди таҳдидҳои ҷаҳони муосир: асосҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (6-уми сентябри соли 2024) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Саъдиев И.З. – Душанбе: Аршам, 2024. – 208 с. – С. 195-206.

**[23–М].** Анушервони И. Аҳамияти амалишавии одатҳо дар таҳкими

Мансурӣ Ш. ва дигарон. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гурезаҳо» [Матн] // Анушервони И., Ф.А. Маҳмадшозода, М.И. Исмоилова, Д.Д. Назаров, У.А. Меликов, У.Зарифов. Зери назари таҳрири Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Саидзода И.Ҳ. – Душанбе: МДМТ – 2021. – С. 18-25. ISBN 978-99975-985-5-4.

**[12–М].** Анушервони И., Саидзода И.Ҳ., Баҳриддинзода С. Э., Маҳмадшозода Ф. А., Бобокалонов Ғ. М., Пулатов А. С., Табаров Н., Мансурӣ Ш. ва дигарон. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» [Матн] / Анушервони И., И.Ҳ. Саидзода, С.Э.Баҳриддинзода, Ф.А. Маҳмадшозода, Ғ.М. Бобокалонов, А.С.Пулатов, Н. Табаров, Ш.Мансурӣ. Зери таҳрири Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент Саидзода Иззатулло Ҳабибулло. – Душанбе: ЭР-граф. – 2019. – С. 81-86. ISBN 978-99975-50-70-5.

## III. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар маҷаллаҳо ва маҷмӯаҳо чоп шудаанд:

**[13–М].** Анушервони И. Нуров Ҳ.П. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории соҳаи меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории меҳнати давлатҳои аъзои ИДМ. [Матн] / Анушервони И., Ҳ.П. Нуров // Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. – №2 (26). – С. 101-116. ISSN 2410-2903.

**[14–М].** Анушервони И. Бободжонзода И.Х., Государственная независимость Таджикистана и национальное право. [Текст] / Анушервони И., И.Х. Бободжонзода // Мир политики и социологии. – Санкт-Петербург. – 2018. – №9-10 С.110-129. ISSN 22218-7499.

**[15–М].** Анушервони И, Нуров Ҳ.П., Ёров А.А., Проблемы наследственного права в Республике Таджикистан [Текст] / Анушервони И., Ҳ.П. Нуров, А.А. Ёров // Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018. – №1 (29). – С. 38-54. ISSN 2410-2903.

**[16–М].** Анушервони И. Проблемаи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон (сайёҳ) дар хизматрасонии сайёҳӣ. Нақши Ваҳдати миллӣ дар пешрафти давлатдорӣ ва инкишофи қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Маҷмӯи мақолаҳои конференсия бахшида ба 21-солагии Ваҳдати миллӣ, соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ). [Матн] / Анушервони И. / Таҳти назариi директори Маркази миллии қонунгузории

маърифати ҳуқуқӣ [Матн] / Анушервони И. //Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи “Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд”, 3-уми сентябри соли 2024 / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: “Нашри Мубориз”, 2024. – 491 с. – С. 329-345.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

Аслонзода Сорбон Низомидин - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, судяи Суди шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд;

Қодирзода Мирзоқодир Аюб - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

Раҷабов Саидумбар Адинаевич - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудааст. Аз ҷумла, зикр карда шудааст, ки аз тарафи муаллифи диссертатсия дар масъалаи одатҳо дар таносуб бо ахлоқ ва ҳуқуқ ба таври васеъ таҳлил нагардидааст, ки он метавонист нақши одатҳоро дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ба таври умум муайян мекард.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ таҳқиқотии онҳо ба масъалаи гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** масъалаи одатҳо дар муомилоти маданӣ аз нуктаи назари ҳуқуқи маданӣ бори аввал ба шакли маҷмуавӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ баррасӣ карда шудааст;

– **муайян карда шуд:** одатҳо дар фарқият ба дигар меъёру ҳуқуқҳои иҷтимоӣ шакли хаттиро талаб намекунад, яъне, ифодаи зоҳирии он - ин

қоидаҳои муқаррарии рафтори доираи шахсони номуайян мебошад, ки муносибатҳои ногусастанӣ доранд, ки амали иштирокчиёни муомилоти маданиро танзим мекунанд. Одатҳо муаллифи мушаххас надоранд ва маҳсули фаъолияти дастҷамъона мебошанд. Офарандагони ҳуқуқи одатӣ, яъне, одамоне, ки дар ҳудуди муайян зиндагӣ мекунанд ва рафтори онҳо одатҳоеро ташкил медиҳад, ки онҳо бояд ҳамчун субъектҳои муомилоти мадание, ки ба онҳо тааллуқ доранд, баромад кунанд.

– **пешниҳод шудааст:** мафҳуми ҳуқуқи одатӣ ҳамчун меъёрҳои қонун дар истифодаи мунтазами он аз тарафи шумораи номуайяни иштирокчиёни муомилоти маданӣ ифода карда мешавад. Ҷамъбасти аломатҳои одатҳои ҳуқуқи маданӣ ба мо имкон медиҳад ба хулоса оем, ки ин меъёрҳои ҳуқуқиест, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ мувофиқат мекунанд, ки дар гурӯҳи иҷтимоӣ ё ҷомеа ва дар соҳаи ҳаёти инсонӣ ба вуҷуд омада, дар натиҷаи такрори рафтори дахлдори иштирокчиёни муомилоти маданӣ мавҷудбуда, ки барои онҳо ҳатмӣ ва бо маҷбуркунии иҷтимоӣ таъмингардида, мебошад.

– **исбот шудааст:** истифодаи одатҳои дар меъёрҳои қонунгузории мадании ҶТ пешбинигардида наметавонад ҳамчун шакли татбиқи меъёри ҳуқуқи одатӣ эътироф карда шаванд, зеро қонунгузор ба одате ишора мекунад, ки ниҳоят бояд риоя шавад, шакли одатии худро гум карда, ба меъёри қонун табдил меёбад. Дар мавридҳое, ки қонун имконияти абстрактии истифодаи одатро дар муносибатҳои молумулкӣ бе нишон додани меъёрҳои мушаххаси одатҳои ҳуқуқӣ пешбинӣ кардааст (моддаи 5-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон), пешакӣ маълум нест, ки кадом меъёр дар байни дигар қоидаҳо иҷозат дода мешавад, ки дар амал пешбинӣ шудаанд. Далели он, ки одат бо эътирофи суд ба меъёри ҳуқуқ табдил меёбад, ҳуқуқтатбиққунанда ҳуқуқ эҷод мекунад ва дар амал қоидаҳои рафтори дорои хусусияти ҳуқуқидоштаро татбиқ намекунад. Дар ин ҳолат амсоли судӣ унсурҳои одатро пурра ба худ мегирад;

– **ҷорӣ намудани:** доираи татбиқи одатҳоро бояд дар муомилоти маданӣ васеъ намуд. Инчунин, дар доираи танзими қобили қабул як доираи одатҳои ҳуқуқи маданиро *инкишоф додан ба мақсад мувофиқ аст, ки дар он* иштирокчиёни муомилоти маданӣ метавонанд қоидаҳои рафторро эҷод намуда, бо иродаи худ қоидаҳои рафторро интихоб намоянд. Қонунгузор дар дигар ҳолатҳо иродаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданиро маҳдуд намуда, шартҳоеро пешбинӣ менамояд, ки дар он истифодаи одатҳо иҷозат дода намешавад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** бори аввал масъалаҳои одатҳо дар муомилоти маданӣ ба таври муфассал таҳлил ва таҳқиқ карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ

ба даст оварда шудаанд, дар таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои истифодаи одатҳо дар муомилоти маданӣ истифода бурда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар рисола баён шудаанд, ба ташаккул ва рушди институти одатҳо дар ҶТ равона шудаанд. Тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар таҳқиқот аз ҷониби диссертант манзургардида оид ба баланд бардоштани нақши ҳуқуқии одатӣ, танзим ва ҳалли муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ метавонанд дар қонунгузорӣ ва амалия истифода шаванд. Инчунин мавод, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд дар таълими назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи мурофиавии маданӣ ва иқтисодӣ, инчунин дар муассисаҳои усулҳои алтернативии ҳалли баҳсҳо, аз қабили судҳои ҳакамӣ ва муҳокимаи арбитражӣ, ҳангоми навиштани рисолаҳо, монографияҳо ва дастурҳои илмӣ, дипломӣ, магистрӣ, корҳои курсӣ оид ба мавзуи зикршуда истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** усулҳои умумиилмӣ ва махсус, аз қабили усулҳои диалектикӣ, эмпирикӣ ва мантиқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Усули диалектикӣ имкон додааст, ки масъалаҳои пайдоиш ва инкишофи одатҳо дар муомилоти маданӣ дар давраи инкишофи давлати тоҷикон, инчунин хусусиятҳои одатҳо ва татбиқи он дар ҳаёти халқҳо мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ инчунин усулҳои таҳқиқотии эмпирикӣ ва мантиқӣ истифода шудааст, ки имкон дод, ки дар бораи истифодаи одатҳо дар маҳал ё гурӯҳи одамон маълумоти боэътимод ба даст оварда шавад. Бо усули расмӣ-ҳуқуқӣ одатҳо ҳамчун меъёри иҷтимоии баррасӣ карда мешавад, ки ба танзими муносибатҳои муайяни муомилоти маданӣ равона шудааст. Бо усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аҳаммияти одатҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии хориҷӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Усули таърихию ҳуқуқӣ имкон дод, ки пайдоиш ва ташаккули одатҳо дар муомилоти маданӣ дар марҳалаҳои гуногуни инкишофи ҳуқуқ дар Тоҷикистони таърихӣ омӯхта шудааст.

– **баён шудани** мафҳуми одатҳо дар муомилоти маданӣ дар асоси таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалияи судӣ пешниҳод гардида, он ба гуруҳҳои муайян тасниф карда шудааст;

– **ошкор гардидани** аломатҳои одатҳо дар муомилоти маданӣ бо дарназардошти омилҳои тафовут бо дигар меъёрҳои иҷтимоӣ ва нақши онҳо дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ;

– **омӯхта шуданди** истифода ва татбиқи одатҳо дар танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои таърихӣ, низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ, қонунгузории ҶТ, давлатҳои хориҷӣ ва қонунгузории байналмилалӣ, кодификатсияи ғайрирасмии одатҳои

байналмилалии савдоӣ ва таҷрибаи судии давлатҳо;

– **такмил додани** қонунгузории маданӣ, мурофиавии маданӣ ва иқтисодии ҶТ, ки масъалаҳои истифода ва татбиқи одатҳоро пешбинӣ менамоянд;

– **иҷозат додани** татбиқ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои кодификатсияшудаи ғайрирасмӣ, ки дар онҳо одатҳои байналмилалии савдоӣ ҷамъоварӣ гардидаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқкарда мешаванд, ки:** натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили объективона ва ҳамаҷонибаи таҳқиқоти назариявию амалӣ, ки бо паҳлӯҳои гуногуни одатҳо дар муомилоти маданӣ, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм қабулгардида, муайян намудани он, таҳияи афкору тавсияҳои назариявию амалии рисоланавис, навоварии илмӣ ва тавсияҳо, таҳлили қонунгузории миллӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи одатҳо дар муомилоти маданӣ алоқаманд аст, асос меёбад. Дар рафти таҳқиқот дар рисола чунин ақида ташаккул ёфтааст, ки одатҳои ҳуқуқӣ дар муомилоти ҳуқуқи маданӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар соҳаи муайяни фаъолияти инсон, гурӯҳи иҷтимоӣ ё ҷойе, ки дар натиҷаи такрори якчандкаратаи шаклҳои муайяни рафтор хусусияти ҳатмӣ пайдо намуда, бояд бо маҷбуркунии оммавӣ ва барои танзими муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқии маданӣ тибқи иҷозат ва тартиби муқаррарнамудаи давлат истифода мешаванд. Дарки мукаммал дар бораи хусусиятҳои татбиқи одатҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ саҳмгузорӣ ба рушди ҳуқуқҳои маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

– **асоснок карда шудааст, ки** одатҳоро халқ офаридааст ва муаллифи мушаххас надорад ва ҳуқуқэҷонкунии халқ мебошад. Ҳуқуқи одатӣ, ки ба одатҳо асос ёфтааст, танҳо субъектҳои ҳуқуқи маданӣ иштирок мекунад;

– **офарида шуд:** одатҳои ҳуқуқӣ дар муомилоти маданӣ, меъёрҳои ҳуқуқии ба меъёрҳои ахлоқ ва қонун мувофиқе дониста мешаванд, ки бо қонунгузорӣ муқаррар нагардида, дар соҳаи фаъолияти муайян дар натиҷаи такрорёбии бисёркаратаву якхелаи рафтори муайян ташаккул ёфта, ҳатмӣ гардидааст ва бо маҷбуркунии иҷтимоӣ (эътибор) таъмин буда, барои танзими муносибатҳои мушаххаси маданӣ-ҳуқуқӣ тибқи иҷозат ва тартиби муайяннамудаи давлатӣ истифода бурда мешаванд.

– **муаррифӣ карда шуд:** одатҳои муомилоти корӣ, меъёри ҳуқуқие дониста мешавад, ки яке аз намуди одатҳои муомилоти маданӣ буда, дар дилхоҳ соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дар натиҷаи такрорёбии бисёркаратаву якхелаи рафтори муайян ташаккул ёфта, ҳатмӣ гардидааст ва бо эътибори

(нуфуз) корпоративӣ таъмин буда, барои танзими муносибатҳои мушаххаси соҳибкорӣ тибқи иҷозати давлатӣ истифода бурда мешавад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** бо таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти ҷойдоштаи назариявӣ ва методологии паҳлуҳои гуногуни мавзӯи диссертатсия, мураттабсозӣ ва таҳлили натиҷаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва навгонии онҳо дар муқоиса бо натиҷаҳои дар илм ҷойдошта, таҳқиқи ҳолати кунунӣ ва роҳҳои такмили истифода ва татбиқи одатҳо дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ асос ёфтааст.

- **муаллиф** низоми мафҳумҳо ва ақидаҳо дар бораи категорияи одатҳои муомилоти маданиро таҳия ва коркард намудааст.

- **пешниҳод шудааст, ки** тавсияҳои амалӣ оид ба рушд ва татбиқи одатҳои муомилоти маданӣ дар баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва фаъолияти судҳо ҳамчун дастур ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

- ***назария*** *дар асоси муқаррарот ва хулосаҳои мукаммали илмӣ, ки дар* адабиёти илмӣ, қонунгузорӣ ва амалияи давлатҳои гуногун ва Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ паҳн гардидаанд, асоснок карда шудааст.

- **ғояи мазкур ба натиҷаҳои** аз ҷониби умум эътирофшудаи илмӣ, маводи таърихию ҳуқуқӣ, маводҳои таҷрибаи судӣ, қонунгузорӣ ва амсолияи судӣ асос ёфтааст.

- **истифода карда шуданд:** таҳқиқоти диссертатсионии мазкур се марҳилаи инкишофи одатҳои муомилоти маданиро дар бар мегирад: 1) робитаи одатҳои муомилоти маданӣ бо сарчашмаи ҳуқуқи исломӣ ва дигар низомҳои ҳуқуқӣ; 2) инкишофи одатҳои муомилоти маданӣ дар Тоҷикистони шуравӣ; 3) инкишофи одатҳои муомилоти маданӣ дар даврони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот ба** сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ карда мешавад. Дар баробари ин, услуби навиштан, ҳалли масъалаҳо ва услуби рисола саҳми шахсии муаллифи рисоларо инъикос мекунад. Дар рафти таҳқиқот дар рисола чунин ақида ташаккул ёфт, ки одатҳои ҳуқуқӣ дар муомилоти ҳуқуқи маданӣ маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар соҳаи муайяни фаъолияти инсон, гурӯҳи иҷтимоӣ ё ҷойе, ки дар натиҷаи такрори якчандкаратаи шаклҳои муайяни рафтор хусусияти ҳатмӣ пайдо намуда, бояд бо маҷбуркунии оммавӣ ва барои танзими муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқии

маданӣ тибқи иҷозат ва тартиби муқаррарнамудаи давлат истифода мешаванд. Дарки мукаммал дар бораи хусусиятҳои татбиқи одатҳои ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ саҳмгузорӣ ба рушди ҳуқуқҳои маданӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар рисола як қатор муқарраротии назариявӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 15-уми апрели соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Анушервони Исрофил дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст, 16 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест, бюлетени тақсимнашуда 1 адад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**

15 апрели соли 2025